# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-004 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (Ph.D), ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ 6D050700 – МЕНЕҶМЕНТ (6D050701 – МЕНЕҶМЕНТ)

**Парвандаи аттестатсионии №________**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 07.09.2024, №42**

Барои сазовор донистани Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент)

Диссертатсияи Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович дар мавзуи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент), санаи 1 июни соли 2024 бо суратмаҷлиси №37 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2021, №35 таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ, Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 18-уми апрели соли 1990 таваллуд шудааст. Соли 2014 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси менеҷменти молиявӣ, зинаи магистриро бо дипломи аъло хатм намудааст. Соли 2018 ба докторантураи фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда онро соли 2021 бо муваффақият хатм намудааст (Транскрипти №38 аз 21 сентябри соли 2021).

Диссертатсия дар давоми солҳои 2018-2024 дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳодиев Дадахон Абдуллоевич

**Муқарризони расмӣ:**

**Муқаддасзода Фирдавс Муқаддас** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Муртазозода Ораз** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини аввали директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** - Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муқаррар гардидааст.

Тақризи муассисаи мазкур аз ҷониби доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Каримова М.Т. таҳия шуда, дар ҷаласаи шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ тасдиқ карда шудааст (суратҷаласаи №6, аз 19-уми августи соли 2024).

Муассисаи пешбар дар тақризи худ қайд кардааст, ки инкишофи шаклҳои шарикии стратегии корхонаҳои саноатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ кори таҳқиқотии нав, навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуҳои нисбатан кам таҳқиқ шуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Диссертатсияи Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович ҳамчун кори илмии ба анҷомрасида маҳсуб ёфта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар самти баланди илмӣ-назариявӣ омода шудааст.

Диссертатсияи Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович дар мавзуи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли

бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ба талаботи бандҳои 31-37 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ ва ҷавогӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои илмии ба табърасидаи доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) таркиб ва мухтавои асосии диссертатсияро дарбар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун дастоварди нави илмӣ ба ҳисоб меравад.

## ИНТИШОРОТ АЗ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:**

**[1-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Шарикии технологӣ чун самти афзалиятноки шарикии стратегӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.С. Маҳмадуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2024. – №3. – С. 206-210. ISSN 2413-5151.

**[2-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Такмили механизми идоракунии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳҳомӣ [Матн] А.С. Маҳмадуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. – №3. – С. 119-128. ISSN 2413-5151.

**[3-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Асосҳои назариявии мукаммалгардонии муҳити институтсионалии инкишофи корхонаҳои муштарак [Матн] / А.С. Маҳмадуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2022. – №4. – С. 66-72. ISSN 2413-5151.

**[4-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Самаранокӣ ва маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.С. Маҳмадуллоев, С.А. Деҳқонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. – №8 – С. 199-203. ISSN 2413-5151.

**[5-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Арзёбии умумии инкишофи бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷӯҳ ба густариши шарикии стратегӣ [Матн] / А.С. Маҳмадуллоев, З. Қосимова // Идоракунии давлатӣ, Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлати назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №4/2 (49). – С. 63-77. ISSN 2664-0651.

**[6-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Ҷанбаҳои назариявии инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / А.С. Маҳмадуллоев, Д.А. Ҳодиев, Ҳ. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. – №4. – С. 87-93. ISSN 2413-5151.

**[7-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Таҳлили вазъи муосири фаъолияти корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.С. Маҳмадуллоев, Э. Миршарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. – №1. – С. 152-157. ISSN 2413-5151.

**Б) Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд**

**[8-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Тамоюлҳои асосии рушди корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.С. Маҳмадуллоев, А.З. Ҳафизов, С.А. Деҳқонов, С.М. Ҳайдаров// Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – Рашт, 2020. – № 2 (2). – С. 78-84.

**[9-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Принсипҳои асосӣ ва авомили муассир ба инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / А.С. Маҳмадуллоев // Маводи конференсияи байналхалқии илмию амалӣ дар мавзӯи «Амалисозии ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ» (ш. Душанбе, 13 октябри соли 2020). – С. 583-587.

**[10-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Захираҳои иттилоотии корхонаю ташкилотҳо [Матн] // А.С. Маҳмадуллоев / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Равишҳои стратегии идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ», (ш. Душанбе, 5 апрели соли 2019). – С.131-134.

**[11-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Фаъолияти корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Вазъи муосир [Матн] · // А.С. Маҳмадуллоев, А. Абдуллозода / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию-назариявӣ дар мавзӯи «Танзими андозию буҷетии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» (ш. Душанбе, 22 апреля 2019). – С.163-170.

**[12-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Назорати молиявӣ: нақш, мақом ва шаклҳои он дар идоракунии иқтисодиёт [Матн] /А.С. Маҳмадуллоев // Маводи конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Идоракунии стратегӣ ва таъмини самаранокии захираҳои энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 6 декабри соли 2019). – С.164-166.

**[13-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Системаи иттилоотӣ, иқтисодӣ - бахши муҳимми фаъолияти идоракунӣ [Матн] / А.С. Маҳмадуллоев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ, илмӣ-назариявии «Меъроси ниёгон, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», (Душанбе, 27 – уми апрели соли 2019). – С.214-217.

**[14-М].** Махмадуллоев, А.С. Земельный налог – основной рычаг финансового регулирования в современных условиях (на материалах Раштского района Республики Таджикистан) [Текст] / А.С. Махмадуллоев, Ё.А. Саторов // Журнал Научное знание современности, Международный научный журнал. Выпуск – №4. – Казань, 2019. – С.26-32. ISSN 2541-7827

**[15-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Нақши сайёҳи ва ҳунарҳои мардумӣ дар рушди иқтисодиёти мамлакат [Матн] / А.С. Маҳмадуллоев // Маводи конференсияи илмию назариявӣ «Истиқлолият дастоварди бузурги миллати тоҷик». – Рашт, 5-уми сентябри соли 2018. – С. 190-198.

**Ба автореферати диссертатсия аз суроғаҳои зерин тақризҳо ворид шудаанд:**

1. **Ашуров Ихтиёр Саидович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон бо чунин эрод:

– агар муаллиф каме дар бораи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, махсусан, давлатҳои ҳамсоя дар робита ба густариши шарикии стратегӣ маълумот меовард, баҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ хеле боло мерафт.

**2. Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо чунин эрод:

– ба сифати эрод метавон ба он ишора кард, ки муаллиф муаммоҳои рақамикунони фаъолияти истеҳсолӣ, маркетингӣ ва инвеститсионии корхонаҳои саноатиро дар ростои густариши шарикии стратегӣ ба таври кофӣ тадқиқ нанамудааст.

**3. Сафоев Абдумаҷид Каримович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо чунин эрод:

– хулосаҳои муаллиф дар робита фаъолияти корхонаҳои саноатии кишвар дар самти ҳамгирой бо корхонаҳои саноатии кишварҳои дуру наздик чандон эътимодбахш нест.

**4. Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара, бо чунин эрод:

– ба сифати эрод бояд гуфт, ки муаллиф дар доираи кори илмии худ як соҳаи мушаххаси саноатро таҳлил намекунад.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, эродҳои қайдшуда асосан хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувори онҳо дар доираи таҳқиқи масъалаҳои инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мавҷудияти интишороти онҳо дар самти мазкур ва аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти муқарризон барои пешниҳоди тақриз муайян карда шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** ба он асоснок карда шудааст, ки Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар самти таҳқиқоти илмӣ дахлдор шинохташуда буда, имконияти баҳои воқеӣ додан ба арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асосӣ таҳқиқоти илмӣ:**

– ***равиши консептуалии*** густариши шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ бо назардошти ба низом даровардани самтҳо ва шаклҳои шарикии корхонаҳои истеҳсолӣ, таъминкунандагон, муассисаҳои тиҷоратӣ ва илмӣ, ки ҳадафи асосии онҳо ба роҳ мондани ҳамкории мутақобилан судманд ва таъмини самараи синергетикӣ мебошад, коркард шудааст, ки ба баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар муҳити дохилӣ ва берунӣ ва суръат бахшидан ба раванди саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ, дар заминаи фаъолсозии равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, мусоидат хоҳад кард;

– ***ақидаҳои асили илмӣ вобаста*** ба принсипҳои асосӣ ва авомили муассир ба инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ пешниҳод гардиданд, ки имкон доданд, меъёрҳо, нишонаҳо ва шароити густариши шарикии стратегӣ дар ҷаҳони муосир муайян карда шаванд;

– ***имконияти дар оянда истифода*** шудани самтҳои асосии таҳкими шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба коркард ва татбиқи стратегияи инкишофи минбаъдаи корхонаҳои муштарак дар заминаи татбиқи мутавозини маҷмуи чорабиниҳои инкишофи муҳити ниҳодӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангии фаъолияти онҳо исбот шудааст, ки он имкон медиҳад ба фаъолгардони раванди сармоягузории онҳо дар татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ/воридвазнкунанда суръат бахшида шавад;

– ***мафҳумҳои маъмулии*** “шарикии стратегӣ”, “шарикии технологӣ”, “манфиатҳои муштарак ва судманд” мушаххас карда шудаанд, ки ҷиҳати ошкор намудани самтҳои густариш ва таҳкими шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ мусоидат менамоянд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот ба он асоснок карда мешавад, ки** муқаррароти назарияивии мафҳуми шарикии стратегӣ исбот шудааст, ки онро ҳамчун муттаҳидшавии ду ё зиёда ташкилот дар асоси шартнома (созишнома) ё бо роҳи ташкили сохтори нави ташкилӣ бо назардошти ноил шудан ба параметрҳои ҳамкории мутавозин ва муассир ҷиҳати такмили равандҳои ҳамгироӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ, татбиқи натиҷаҳои раванди инноватсионӣ ва иқтидори содиротӣ, бо нигоҳ доштани мустақилияти ҳуқуқӣ ва иқтисодии онҳо, муайян менамояд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд назарияи менеҷменти корхонаҳои саноатиро дар шароити густариши равандҳои ҳамгироӣ бо ширкатҳои хориҷӣ ғанитар гардонанд. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар коркарди стратегияю барномаҳои рушди корхонаҳои саноатӣ, такмили низоми ниҳодҳои танзимкунандаи фаъолияти бурунмарзии корхонаҳои саноатӣ истифода бурд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта ба таври самаранок:**

– ***усулҳои такмили*** механизмҳои ҳавасмандкунӣ ва густариши шарикии стратегии корхонаҳои саноатӣ дар иқтисоди хурди кушод, равиши диалектикии ташаккул ва татбиқи сиёсати саноатӣ, усулҳои таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, моделсозии математикӣ, инчунин таҳлили стратегии рушди корхонаҳои саноатӣ истифода шудаанд;

– ***тамоюлҳои инкишофи*** шарикии стратегӣ дар бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва арзёбӣ гардидааст, ки имкон дод авомили муассир ба инкишофи бахши саноат, мушкилот ва монеаҳои рушди он, ки истифодаи ғайрисамараноки принсипҳои асосии шарикии стратегиро нишон медиҳанд, баён карда шавад;

– ***мушкилот/комёбиҳо ва дурнамо/оқибатҳои*** густариши шарикии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа чун заминаи ҳамкориҳои дуҷониба ошкор карда шудаанд, ки ҷиҳати фароҳам овардани фазои мусоиди густариши шаклҳои мухталифи шарикии стратегӣ дар бахши саноат мусоидат хоҳанд кард;

– ***зиддияти дарунӣ ва берунии*** омилҳои муассир ба фазои касбу кор бо меҳварияти омили тағйирёбандаи «шарикии стратегӣ» дар асоси усули таҳлилӣ-омилӣ омухта шудааст, ки рутбаҳои омилҳои таъсиррасонро ба шарикии стратегӣ дар муҳити фазои касбу кори кишвар инъикос менамояд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки**

– ***муқаррароти асосии таҳқиқот*** ва натиҷаҳои ноилшудаи диссертатсияро метавон дар корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ, корхонаҳои муштарак, ширкатҳое, ки ба воридоти технологяҳои нав машғуланд, инчунин дар фаъолияти вазорату кумитаҳое, ки ба  танзими равандҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар машғуланд, истифода бурд. Натиҷаи тадқиқоти илмӣ дар таҷрибаи корхонаҳои саноатӣ ва дар фаъолияти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд, ки бо санади татбиқ тасдиқ гардидаанд (№572 аз 18.09.2023). Ичунӣн натиҷаҳои тадқиқот дар фаъолияти таълимӣ, ҳангоми хондани лексия ва омода кардани дастурҳои методӣ дар ДМТ истифода гардидаанд ва дар ин бора санади татбиқ дарёфт шудааст;

– ***амсилаи  иқтисодию*** риёзии ташаккули кластерҳо дар бахши саноат дар асоси рушди шарикии технологӣ байни корхонаҳо офарида шудааст, ки он ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоиди шарикии технологӣ, ҳамчун асоси кластеризатсияи корхонаҳои саноатӣ, мусоидат хоҳад кард;

– ***маҷмуи тавсияҳо*** ҷиҳати фаъолсозии равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ дар самти истифодаи самараноки захираҳои табиии минтақаҳои кишвар дар шароити ташкили кластерҳо ва ташаккули неруи кадрӣ дар бахши саноатии иқтисодиёт, ки қобилияти идора кардани кластерҳоро доро мебошад, муаррифӣ шудаанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки**:

– ***назарияи таҳқиқот*** дар асоси далелноки санҷидашудаи муқаррароти назарияи иктисодӣ, менеҷменти стратегӣ ва иктисодиёт ва идораи корхонаҳо пешниҳод шудааст;

– ***ғояи таҳқиқот бо*** таваҷҷуҳ ба таҳлили амалияи фаъолияти корхонаҳои саноатии кишвар ва хулосаи таҷрибаи пешқадам ҷиҳати татбиқи принсипҳои асосии шарикии стратегӣ асоснок шудааст;

– ***муайян шудааст, ки*** натиҷаҳои таҳқиқот бо таваҷҷуҳ ба таърифи шарикии стратегӣ ба сифати омилии калидии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии кишвар ва рушди ҳамкориҳои дуҷониба бо ширкатҳои пешрафтаи саноатӣ дар самтҳои мубодилаи иттилоот, технологияҳо, кадрҳо, захираҳои молиявӣ, бренд, тамғаи молӣ ва амсоли он, бо натиҷаҳои тадқиқоти олимони дигар, аз ҷумла, олимони кишварҳои пасошӯравӣ, мувофиқат менамояд;

– ***усулҳои муосири*** ҷамъоварии иттилоот, коркарди маълумоти аввалия, мушоҳидаҳо, қиёс ва раддабандӣ дар раванди асоснок намудани паҳлуҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати ҳаллу фасли мушкилоти густариши шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ истифода карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки:**

– ***ҳама марҳилаҳои таҳқиқи*** диссертатсия дар иҷрои нақшаи таҳқиқот, асосноккунӣ, ҷамъоварии маълумот, коркарди маводи назариявӣ ва методӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф мустақилона гузаронида шудааст;

– ***натиҷаҳои таҳқиқоти*** илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар дохил ва хориҷи кишвар (2018-2024) дар шакли маърӯза ва мақолаҳо ба табъ расидааст;

– ***хулоса ва натиҷаҳои*** диссертатсияи мазкур дар Вазорати саноат ва техлологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои истифода пешниҳод шудааст ва санад оид ба татбиқи амалии онҳо дарёфт шудааст;

– ***муқаррароти асосии*** диссертастия дар 15 мақолаҳои илмии муаллиф, аз ҷумла, 7 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба табъ расидаанд.

Дар ҷаласа аз 7-уми сентябри соли 2024 шурои диссертатсионӣ барои сазовор донистани Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 14 нафар, «муқобил» - нест, «бюллетенҳои беэътибор» - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Усмонова Т.Ҷ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Гулов Ш.М.

07.09.2024.